# ТАҚРИЗ

**ба автореферат ва диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Наҳв яке аз бахшҳои мураккабтарини грамматикаи ҳар як забон ба шумор рафта, аз забоншиносон ва наҳвшиносон тақозо мекунад, ки ба шарҳу тавзеҳи он дар амалия таваҷҷуҳи беандоза дошта бошанд. Ҳар як қисмати забоншиносӣ воҳидҳои ягонаи худро доро буда, наҳв низ дар ин радиф яктараф нест. Калима, ибора, ҷумла ва матн воҳидҳои асосии наҳв ба ҳисоб мераванд. Наҳв сохту таркиби ин воҳидҳо, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои онҳо, воситаҳои алоқаи грамматикии байни ҷузъҳо ва инчунин навъҳои ибораву ҷумларо меомӯзад.

Дар диссертатсияи мазкур фикру андешаҳои забоншиносон мавриди омӯзишу таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Кори таҳқиқотии мазкур дар асоси маводҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин, дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, матбуоти даврӣ, китобҳои дарсӣ, расонаҳои интернетӣ навишта шуда, дар аснои иншои он муваффақиятҳои илми забоншиносии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва англисӣ ба назар гирифта шудааст. Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур метавонад, ҳамчун дастури таълимӣ дар таълими фанни забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, назарияи забоншиносӣ, назарияи грамматика ва услубшиносӣ истифода шавад.

Таҳқиқу пажуҳиши ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз муаммоҳои умдаи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқобалавӣ ба ҳисоб рафта, ба пажуҳиши амиқ ниёз дорад, зеро ин масоил дар манбаъҳои мавҷуда ба таври комил ва мукаммал шарҳи худро наёфтааст, ки ба ин масъала муҳаққиқ Ҳакимзода Ф.И. даст задааст, мавзуи таҳқиқнамудаи ӯ дар соҳаи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ нахустаҳқиқ маҳсуб меёбад. Мавсуф кӯшидааст, ки

таҳқиқи худро бар пояи маводи таҳқиқнамудаи забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз қабили Ш.Рустамов, Д.Тоҷиев, Ф.Зикриёев, С.Атобуллоев, К.Қаландаров, А. Адмони, А. Апресян, Ҳ. Свит. Р. Роаҳ, Б. Хаймович, Ҷ. Рид, И. Мейе ва В. Виноградов анҷом додааст, ки ба илми забоншиносии муқоисавӣ як падидаи наверо зам менамояд.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, ду боб, ҳашт фасл, хулосаи ҳар боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, он 173 чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва зарурияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот ва асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот пурра дарҷ ёфтаанд.

Боби нахуст аз шарҳи «ҷумлаи пайрави пуркунанда», «ҷумла» ва «ҷумлаи пайрав» дар забоншиносӣ оғоз гардида, муаллифи рисола ҳар яки онҳоро дар асоси сарчашмаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор дода, фикру андешаҳои худро низ баён доштааст.

Муаллифи диссертатсия дар фасли нахусти боби якум мафҳуми ***«ҷумлаи пайрави пуркунанда»***-ро хеле муфассал шарҳ дода, мавқеи онро дар дигар воҳидҳои наҳвии забон баён мекунад. Пасон, ба шарҳи воҳиди наҳвӣ ***«ҷумла»*** даст зада, нақши воситаҳои алоқаи грамматикиро маҳз дар созмони ин ду воҳид мушаххас менамояд. Хурсандиова он аст, ки муаллиф таҳқикро бар пояи маводи асарҳои аслзабон ба роҳ монда, шабоҳату тафовути ҷумлаи пайрави пуркунандаро илман муайян сохта, онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия ***«Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»*** унвон дошта, муаллифи диссертатсия тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунандаро дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор медиҳад. Дар бобати шабоҳату фарқияти корбурди баъзе аз пайвандакҳои тобеъкунанда, амсоли «ки - that», ки дар сохтани ҷумлаи пайрави пуркунанда ҳамчун воситаи маъмули алоқа хизмат мекунанд, андешаи муаллифи диссертатсия чунин аст: «пайвандакҳои «that»-и забони англисӣ ва «ки»-и забони тоҷикӣ дар баъзе мавридҳо бо ҳам мувофиқат мекунанд, ки мисолҳо

зерин аз он шаҳодат медиҳанд»: *Модарам қадре мунтазир шуда истод, дид* ***ки*** *ӯ дар бораи он кор чизе намегӯяд, аз вай пурсид. - My mother waited a litle, then, seeing* ***that*** *he was not about to volunteer anything further, asked. Дар ариза рафти корро ба тарзе ки ҳозир гуфта гузаштам, шарҳ додам. Ва талаб кардам,* ***ки*** *барои пеш бурдани кори ҳашар ягон каси худотарсро фармояд, ки ин кор зудтар тамом шавад. - In it I described the way the work was proceeding, as I told you just now. And I requested* ***that*** *he appoint an honest man to see that the work is finished sooner (саҳ.11).*

Маҳз дар ҳамин боб муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баён мекунад.

Ба андешаи муллифи диссертатсия тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик нисбат ба забони англисии муосир маъмултар аст. Ҷумлаи пайрави пуркунанда яке аз он ҷумлаҳои пайрав маҳсуб меёбад, ки тобишҳои зиёди маъноиро соҳиб аст. Тобишҳои бисёри маъноӣ пайдо кардани ҷумлаи пайрави пуркунанда ба се чиз вобаста аст. Хабари ҷумлаи пайравии пуркунанда бо ҳамаи сиғаҳои феълӣ ифода ёфта метавонад ва ин имконият медиҳад, ки ҷумлаи пайрав тобишҳои зиёдеро ифода намояд. Ҷумлаи пайрави пуркунанда тобишҳои зерини маъноиро дошта метавонад: **1. тобиши мақсад, 2. тобиши сабаб ва 3. тобиши натиҷа** (саҳ. 16).

Ҳар боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллифи диссертатсия ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар понздаҳ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Агар муаллифи диссертатсия ба таҳқиқотҳои забоншиносони хориҷӣ низ такя менамуд, бисёр хуб мешуд.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (5, 8, 13) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Дар умум, камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи *«Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»* ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовори дараҷаи илмии мазкур дониста шавад.

Муқарриз, мудири кафедраи
забони англисӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, дотсент номзади
илмҳои филологӣ                Наврузшоев Баҳриддин Хушҳолович

Тел.: 000090403
Почтаи электронӣ: bakhakhush@mail.ru

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992-37) 221-77-11/
Факс: (+992-37) 221-48-84
E-mail: info@tnu.tj
Сомонаи муассиса: http://www.tnu.tj

Имзои н.и.ф., дотсент Б.Х.Наврузшоевро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон                Тавқиев Э.Ш.

«13 » феврали соли 2025